**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТУРАМАЛИ

# КОРГУЗОРӢ ДАР ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе - 2015

**Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2015, № 11/36 тасдиқ шудааст**

# ДАСТУРАМАЛИ КОРГУЗОРӢ ДАР ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали коргузорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Дастурамал) дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №585 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, қоидаҳои ба роҳ мондани коргузориро муқаррар менамояд ва кор бо ҳуҷҷатҳоро аз лаҳзаи ворид ё таҳия шуданашон то вақти барои нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳо дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом медарорад.

2. Дастурамал бо мақсади дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ, мусоидат ва сари вақт иҷро намудани қарору супоришҳои мақомоти болоӣ, **фармоишҳои** роҳбарият, ҳуҷҷатҳои хизматӣ таҳия гардида, барои кормандони дастгоҳ қоидаҳои ягонаи омода намудани ҳуҷҷатҳо, барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, назорат ва нигоҳдории онҳоро муқаррар менамояд.

3. Назорати риояи талаботи Дастурамали мазкур ба зиммаи **раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** гузошта мешавад.

Кормандони вазорат бояд бо тартиби кор бо ҳуҷҷатҳо шинос карда шуда, уҳдадоранд, ки талаботи Дастурамали коргузориро риоя ва иҷро намоянд. Ҳангоми иваз гардидани кормандони масъули дастгоҳи вазорат парвандаҳои ҷории коргузорӣ бо санад супорида мешаванд.

4. Тартиби қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**«Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муқаррар мешаванд.

5. Кор бо ҳуҷҷатҳои махфӣ тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ мешавад.

6. Коргузорӣ оид ба дархостҳо, аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»** ва **«Дастурамали коргузорӣ ба муроҷиатҳои шаҳрвандон»** амалӣ мегардад.

7. Мукотиба бо муассисаҳо ва шаҳрвандон мутобиқи талаботи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** анҷом дода мешавад.

## 2. ОМОДА ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

### *а) Санадкунонии фаъолияти идоракунӣ*

8. Санадкунонии фаъолияти идоракунӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида аз сабти иттилооти зарурӣ барои идоракунӣ, яъне аз ташкили кори ҳуҷҷатнигорӣ иборат аст.

9. Маҷмӯи намудҳо ва гуногунии ҳуҷҷатҳо дар асоси таъини мақсадноки ҳар як ҳуҷҷат муайян карда мешавад.

10. Тибқи тартиби мавҷуда вазорат санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш таҳия менамояд.

11. Барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ фармоиши хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқинадошта қабул мегардад.

12. Дар вазорат ҳайати мушовара дар ҳайати вазир (раиси мушовара), муовини аввал, муовинони вазир ва дигар кормандони роҳбарикунандаи вазорат ва сохторҳои дахлдор таъсис дода мешавад.

13. Аъзои ҳайати мушовараи вазорат бо пешниҳоди вазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Қарорҳои Ҳайати мушовара бо протоколҳо ба расмият даровара шуда, бо фармоиши вазир амалӣ карда мешаванд.

14. Лоиҳаи қарори ҷаласаҳои ҳайати мушовара вобаста ба масъалаҳои гуногун аз ҷониби раёсат, шуъба ва муассисаҳои тобеи вазорат омода гардида, имзои аъзои мушовара гирифта мешавад ва тавассути мудири шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котиботи вазорат баррасӣ ва муҳокима шуда, ба ҷаласаи мушовараи вазорат дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод мегардад.

15. Ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавӣ-конструкторӣ, тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои махсус дар асоси талаботи санадҳои меъёрии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

### *б) Қоидаҳои тартиб додан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ*

16. Ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ дар бланкаҳо гирифта шуда, ба расмият дароварда мешаванд. Дар мавриде ки ба маълумотнома ва ё дигар ҳуҷҷатҳо мактубҳои ҳамроҳӣ замима мегарданд, ин ҳуҷҷатҳо дар бланкаҳо ба расмият дароварда намешаванд. Ҳуҷҷатҳо дар бланкҳои ду андоза: А4 (210 х 297мм) ва А5 (148 х 210 мм) чоп карда мешаванд. Бланкҳои андозаи А5 танҳо барои мактубҳои ҳамроҳӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо аз 8-10 сатри чопи мошинӣ зиёд нест, истифода бурда мешаванд. Оид ба масъалаи коркарди шаклҳои бланкҳои ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ **ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** зарур аст, ки бо ташкилоти дахлдори хадамоти давлатии бойгонӣ машварат намояд.

14. Ҳар як ҳуҷҷат бояд дорои маҷмӯи муайяни нишонаҳои (реквизитҳои) аниқ ва тартиби муайяни ҷойгиршавии онҳоро дошта бошад. Номгӯи ниҳоии нишонаҳо ва мавқеи ҷойгиршавии онҳоро стандарти давлатӣ муайян намудааст.

15. Тартиб ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо риояи ҳатмии талаботи зеринро пешбинӣ менамояд: **нишон додани намуди ҳуҷҷат, тартиб додани сарлавҳаи ҳуҷҷат, нишонӣ, санагузории ҳуҷҷат, гузоштани қайдҳо оид ба мувофиқакунии матни ҳуҷҷат, тасдиқи ҳуҷҷат** (имзо ва тасдиқ кардан, гузоштани қайдҳо оид ба гардиш ва иҷрои ҳуҷҷат, гузоштани муҳр).

Нишон додани номгӯи намуди ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб мавҷуд бошад, масалан: ФАРМОИШ, ПРОТОКОЛ, ҚАРОР, ГУЗОРИШ ва ғайра (номгӯй бо ҳарфҳои калон навишта мешавад).

Ба ҳар як ҳуҷҷате, ки дар вараҷи андозаи А4 таҳия мешавад, новобаста аз таъйиноти он, сарлавҳа тартиб дода мешавад. Сарлавҳа бояд мухтасар ва ҷавоб ба саволи «Дар бораи чӣ?» **«Дар бораи тағйир додани ...», «Дар бораи ҷудо намудани ...», «Дар бораи бекор кардани ...»** ва ғайра бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври ҷамъбасткунанда тартиб додан мумкин аст. Дар хабари телефон (телефонограмма), хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо дар бланкҳои андозаи А5 чоп карда мешаванд, сарлавҳа гузошта намешавад. Сарлавҳаро мураттиби ҳуҷҷат таҳия менамояд.

Ҳангоми ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин риоя шаванд:

- ҳуҷҷатҳо ба муассиса, воҳиди сохтории он ё шахси мансабдори мушаххас ирсол карда мешаванд;

- номи муассиса, ташкилот ва воҳиди сохтори он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
раёсати таҳсилоти ибтидоӣ
ва миёнаи касбӣ

- ҳангоми ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахси мансабдор номи муассиса, ташкилот, вазифа, ному насаб чунин навишта мешавад. Масалан:

Ба Вазорати корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
сардори департаменти муҳоҷират
Карим Саидзода

- ҳангоми ба роҳбарияти муассиса ва ё ташкилот ирсол намудани ҳуҷҷат номи муассиса ё ташкилот бояд ба таркиби номи вазифавии шахс ворид гардад.

Масалан:

Ба муовини вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қодир Ҳаким

- ҳангоми ба шахсони масъули муваққатӣ фиристодани ҳуҷҷат суроғаи гирандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Масалан:

Раёсати маорифи шаҳри Душанбе,
734018, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 18

- агар ҳуҷҷат ба шахси алоҳида ирсол карда шавад, он гоҳ аввал ному насаби шахси гиранда ва баъд суроғаи ӯ нишон дода мешавад. Масалан:

Ба Латипов И. В.

734024, ш. Қӯрғонтеппа,
кӯчаи Айнӣ №15, ҳуҷраи 10

Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ё тасдиқ шудани он мебошад.

Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалан: 20 октябри соли 2012) ва мухтасар (20.10.12.). Шакли нисбатан маъмул ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии ба воситаи аломати нуқта ҷудогардида мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошад, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» гузошта мешавад, масалан: агар 3 августи соли 2007 бошад, пас 03.08.07 навиштан лозим аст.

Ҳамаи қайдҳои хизматӣ дар ҳуҷҷате, ки ба гардиши он вобастааст, санагузорӣ ва имзо карда мешаванд. Санаи қарор, фармоиш, мактуб, хулоса, гузориш ва маълумотномаҳо рӯзи ба имзо расидани онҳо мебошад. Санаи протокол ва санадҳо, санаи гузаронидани чорабинӣ ба шумор меравад.

Мувофиқакунӣ усули баррасии пешакӣ ва баҳогузории лоиҳаи ҳуҷҷат мебошад. Мувофиқакунӣ ҳалли дуруст ва ҳаматарафаи масъала: сифати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда, мақсаднокӣ ва саривақтии он, асоснокии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва илмӣ-техникии мундариҷаи он, мувофиқати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашударо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ҳам дар дохили вазорат (бо воидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кумитаи иттифоқи касаба) ва ҳам берун аз он (бо дигар ташкилоту муассисаҳо) мувофиқа карда мешавад.

Шакли мувофиқакунии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат бо имзо мувофиқакунонии (виза) он мебошад. Мувофиқакунонӣ имзои хонои шахс ва санаи гузоштани онро дар бар мегирад. Ҳангоми зарурат вазифа ва ному насаби шахси имзокунандаро нишон додан мумкин аст.

Масалан:

**Сармуҳосиб** **имзо** **ному насаб**
**15.05. 15.**

Эрод ё илова ба ҳуҷҷат, агар онҳо мавҷуд бошанд, дар вараҷи алоҳида оварда мешаванд, дар лоиҳаи ҳуҷҷат бошад, чунин мувофиқакунонӣ анҷом дода мешавад:

**Сармуҳосиб** **имзо** **ному насаб**

**Эродҳо замима мегарданд.**

**15.05.15.**

Чун қоида, мувофиқакунонӣ (виза) дар қисми поёнии нусхаи якуми лоиҳаи ҳуҷҷат баъди нишонаи «имзо» гузошта мешавад. Агар ҳуҷҷат аз тарафи якчанд нафар мувофиқа шавад, дар он сурат имзоҳо пайи ҳам мувофиқи тартиби гузоштани онҳо ҷойгир карда мешаванд.

Мувофиқаи берунӣ бо муҳр ё маълумотнома оид ба мувофиқакунонӣ ба расмият дароварда мешавад.

Муҳри мувофиқакунандаи берунӣ дар худ чунин аломатро дар бар мегирад: калимаҳои «МУВОФИҚА ШУД», номи вазифа, имзои шахсӣ, ному насаби шахсе, ки бо он ҳуҷҷат мувофиқа мешавад ва санаи мувофиқа. Масалан:

**«МУВОФИҚА ШУД»**

**Вазири молияи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**( имзо)** **Рустам Назар**

**05 феврали соли 2015**

ё **бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуд (мактуб аз 05.02.15. № 124-1).**

Муҳри мувофиқаи беруна дар варақаи унвонии ҳуҷҷат гузошта мешавад.

Имзо - аломати ҳатмии ҳуҷҷат мебошад, ки масъулияти шахси ба ҳуҷҷат имзогузоштаро нисбат ба мундариҷа ва қонунӣ будани он ифода менамояд.

Ба ҳуҷҷати ирсолшаванда вазир имзо мегузорад. Дар ҳолати набудани вазир, ба ҳуҷҷат муовини аввал ва ё муовини ӯ имзо гузошта метавонанд. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ вазир ва сармуҳосиб имзо мегузоранд.

Чун қоида, фақат ба як нусха (якум) имзо гузошта мешавад.

Дар гӯшаи чапи поёни ҳуҷҷат ному насаб ва рақами телефони иҷрокунанда бо ҳарфҳои хурд ифода меёбад.

Ба таркиби имзо нишон додани мансаби шахси ба ҳуҷҷат имзогузошта, имзо ва ному насаб дохил мешаванд.

Масалан:

**Вазир** **имзо** **Нуриддин Саид**

Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартибдода, балки тақсимоти вазифаҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Ному насаби раиси комиссия алоҳида навишта, ному насаби аъзои комиссия бошад, бо тартиби алифбо номбар карда мешавад. Масалан:

| | | |
|---|---|---|
| **Раиси комиссия** | **имзо** | **Р. Мирбобоев** |
| **Аъзои комиссия:** | **имзо** | **А. Алиев** |
| | **имзо** | **М. Шоев** |

ва ғайра.

Тасдиқ - аломати махсуси тасдиқи ҳуҷҷат баъди имзо шудани он мебошад, ки интишори амали онро ба шахсони мансабдор иҷозат медиҳад.

Ҳуҷҷат аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш, ҳукми қонунӣ пайдо менамояд.

Ҳуҷҷатҳоро вазир ва ё муовини аввал ва ё муовинон, агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат дарҷгардида ба салоҳияти вай дохил шавад, тасдиқ менамояд.

Аломати муҳри тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ мекунам», номи вазифа, имзои шахсӣ, ному насаби шахси ҳуҷҷатро тасдиқкарда, санаи тасдиқ ба шумор меравад.

Масалан:

**«Тасдиқ мекунам»**

**Вазири маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*имзо* **Саид Нуриддин**

**15 марти соли 2015**

Ҳангоми бо санади ҳуқуқӣ тасдиқ кардани ҳуҷҷат, дар он муҳри доирашакли дахлдор гузошта мешавад. Масалан:

**Бо фармоиши вазири маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 5 марти соли 2015, № 10**
**тасдиқ шудааст**

Ба ҳуҷҷатҳое, ки аслӣ будани онҳо тасдиқи махсусро талаб менамоянд, ба ғайр аз имзо, муҳр низ гузошта мешавад.

Муҳр ба ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти моддию молиявӣ, маълумотномаҳо, шаҳодатномаҳо, дафтарчаҳои меҳнатӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба дигар ҳуҷҷатҳо низ гузошта мешавад.

### *в) Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои омодашуда бо усули чопи мошинӣ ва воситаҳои техникаи электронӣ*

16. Омода намудани ҳуҷҷатҳо бо усули чопи мошинӣ ё воситаҳои техникаи электронӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ мешавад.

Дар ҳуҷҷат ҳама аломат бояд дар доираи ҳудудҳое, ки стандарти давлатӣ муқаррар кардааст, ҷойгир карда шаванд.

17. Ҳангоми чопи ҳуҷҷатҳо бояд чунин андозаҳои ҳошияҳо гузошта шаванд:

**чап – 25 мм**

**рост на камтар аз 10 мм,**

**боло – 20 мм,**

поён:

**барои андозаи А4 – на камтар аз 20 мм,**

**барои андозаи А5 – на камтар аз 10 мм.**

18. Матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуними байнисатрӣ чоп карда мешавад.

Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад.

### *г) Тартиб ва ба расмият даровардани протоколҳо*

19. Ба ҷаласаҳои машваратӣ, назоратӣ ва маҷлисҳои гузаронидашаванда бояд ҳатман протоколҳо тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои машваратӣ дар худуди соли тақвимӣ рақамгузорӣ мешаванд.

20. Матни протокол, чун қоида, бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои гузаронидашаванда шумораи умумии иштирокчиён, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, ному насаби раис ва котиби маҷлис, бо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда, нишон додани вазифа ва ному насаби маърӯзачиён зикр мешавад.

Агар шумораи шахсони даъватшуда дар ҷаласаҳои гузаронидашаванда аз 5 нафар зиёд бошад, руйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи замимашаванда ба протокол тартиб дода мешавад.

21. Қисми асосии протоколи ҷаласаҳо бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзномаи маҷлис иборат бошад.

22. Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз 3 ҷузъ иборат бошад:

1-шунида шуд, 2-баромад карданд, 3- қарор кард.

Пеш аз калимаҳои «ШУНИДА ШУД» рақами тартибии масъалаи рӯзномаи маҷлис гузошта мешавад.

23. Калимаҳои «ШУНИДА ШУД» бо ҳарфҳои калон, аз ҳошияи тарафи чап чоп шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад: дар сатри дигар бо сарсатр ному насаби маърӯзачӣ, баъд дар қавс (маърӯза ва ё маълумотнома замима мегардад) нишон дода мешавад.

24. Дар фасли «Баромад карданд»-и протокол, мазмуни ҳама баромадҳо, саволу ҷавоб ба онҳо ва маълумот зикр карда мешавад.

25. Баъди ба охир расидани баромадҳо қарор оид ба масъалаи якуми рӯзномаи маҷлис навишта мешавад.

26. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ ва машваратҳоро ба таври кӯтоҳ низ ба расмият даровардан мумкин аст.

Дар шакли кӯтоҳи протокол дар қисмати асосии он мазмуни баромадҳо баён нашуда, танҳо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда бо зикри ному насаби маърӯзачиён, баромадкунандагон ва қарорҳои қабулгардида, нишон дода мешавад.

27. Протоколҳои ҷаласаҳо дар бланк чоп шуда, аз тарафи раиси ҷаласа ва котиби он имзо гузошта мешавад.

### *г) Тартиб ва ба расмият даровардани фармоишҳо*

28. Сарлавҳаи фармоиш ба таври мухтасар бояд мазмуни онро инъикос намуда, дар тарафи чапи варақаи фармоиш бо ҳарфҳои калон оварда шавад.

29. Матни фармоиш, чун қоида, аз ду қисм иборат аст: муқарраротӣ ва амрдиҳӣ. Дар қисми муқарраротӣ асосҳое, ки боиси таҳияи фармоиш гардидаанд, баён шуда, дар қисми амрӣ бошад, амалҳои фармоишӣ номбар карда мешаванд. Агар фармоиш дар асоси ҳуҷҷати дахлдори мақоми болоӣ бароварда шавад, он гоҳ дар қисми муқарраротӣ ном, рақам, сана ва номи ин ҳуҷҷат оварда мешавад.

30. Қисми амрдиҳии фармоиш бо калимаҳои «ФАРМОИШ МЕДИҲАМ» оғоз ёфта, якҷоя бо матн бо ҳарфҳои калон навишта мешавад. Чорабиниҳои пешбинишуда, дар бандҳо ҷой дода мешаванд, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешаванд. Ҳар як бандро бо нишон додани иҷрокунандаи мушаххас оғоз намудан лозим аст. Баъд амалҳои фармоишӣ баён гардида, муҳлати иҷро нишон дода мешавад.

31. Лоиҳаи ф**армоиш** бо воҳидҳои сохторӣ ё шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа шуда, баъди имзои мутасаддиёни воҳидҳои сохторӣ ё

шахсони мансабдори дахлдор ба вазири маориф ва илм пешниҳод мегардад.

32. **Фармоишҳо** дар давоми соли тақвимӣ аз ҷониби раёсати кадрҳо ва корҳои махсус рақамгузорӣ мешавад.

***д) Тартиб ва ба расмият даровардани маълумотнома ва гузоришҳо***

33. Матни маълумотнома ва гузоришҳо бояд аз ду қисми асосӣ иборат бошад. Дар қисми якум далелҳое, ки барои тартиб додани ҳуҷҷат асос шудаанд ва дар қисми дуюм хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

34. Санаи дар маълумотнома ё гузоришҳои баёнгардида ба сарлавҳа ворид карда мешавад.

Масалан:

**«Дар бораи тайёр намудани кадрҳо то 01.03.15».**

35. Маълумотнома ва гузоришҳои содира дар бланкҳо чоп шуда, аз тарафи вазир, муовини аввал ва ё муовинон дар доираи салоҳияташ имзо мешаванд. Маълумотнома ва гузоришномаҳои дохилӣ дар варақи тозаи қоғази андозаи А4 чоп шуда, аз тарафи мураттиби онҳо имзо мешаванд.

36. Маълумотномаҳое, ки бо хоҳиши шаҳрвандони манфиатдор дода мешаванд, дар бланкҳо тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарият имзо ва бо муҳр тасдиқ мешаванд.

***е) Тартиб ва ба расмият даровардани санадҳо***

37. Матни санад бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва муқарраротӣ.

Дар қисми муқаддимавӣ асосҳо барои тартиб додани санад нишон дода шуда, тартибдиҳандагон ва иштирокчиён номбар мешаванд. Баъди калимаи «Асос» ҳуҷҷати амрдиҳӣ ё амри шифоҳӣ оид ба гузаронидани чорабинии санадшаванда нишон дода мешавад. Баъди калимаҳои «Тартиб дода шуд» вазифа ва ному насаби шахсони иштирокдошта ҳангоми тартиб додани санад номбар мешавад.

Дар қисми муқарраротӣ мақсад ва вазифаҳои тартиб додани санад, моҳият ва хусусияти кори анҷомдодашуда, далелҳои муқарраргардида, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

38. Сарлавҳаи санад ба таври мухтасар бояд мазмуни ҳодиса ё далели санадшавандаро инъикос намуда, ҷавоб ба саволи «Дар бораи?» ифода шавад.

39. Ба санад шахсони дар тартиб додани он иштирокдошта имзо мегузоранд. Ҳангоми ба расмият даровардани имзоҳо вазифаҳо нишон дода намешаванд.

40. Ҳангоми ба вуҷуд омадани фикрҳои мухталиф аз ҷониби тартибдиҳандагони санад, онҳо дар поёни имзоҳо ё дар варақи алоҳида баён мегарданд.

### *ё) Тартиб ва ба расмият даровардани мактуби хизматӣ, барқияҳо, факсҳо ва телефонограммаҳо*

41. Мактубҳои хизматӣ барои баён намудани хоҳиш (дархост), ҷавоб ба хоҳиш, инчунин ахбори дорои хусусияти иттилоотӣ тартиб дода мешаванд.

Мактубҳои ҳамроҳӣ фақат дар он мавриде тартиб дода мешаванд, ки онҳо хусусияти иҷро ё мақсади ирсоли ҳуҷҷати пешниҳодшударо шарҳ диҳанд.

42. Матни мактуб, чун қоида, бояд аз ду қисми мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд иборат бошад. Дар қисми аввал далел ё ҳодисаҳое, ки барои тартиб додани мактуб асос шудаанд ва дар қисми дуюми он хулосаю пешниҳод ва хоҳишҳо баён карда мешаванд.

43. Мукотиба ба воситаи телеграф ва факс танҳо барои масъалаҳои хусусияти таъҷилидошта амалӣ мешавад. Ҳангоми ҷавоб ба дархост пеш аз матни барқия, факс, рақами ин дархост нишон дода мешавад. Дар охири матн (то имзо) рақами содира гузошта мешавад.

Барқия ва факсҳо дар ду нусха чоп шуда, ба онҳо иҷрокунанда имзо (виза) мегузорад. Барқия ва факсҳо баъди имзо барои фиристодан ба масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат супорида мешаванд.

44. Телефонограмма барои интиқоли маълумот ба воситаи телефон истифода мешавад. Ҳангоми интиқоли телефонограмма: ба кӣ ирсол шудан, вазифа ва ному насаби шахси ба он имзогузошта, сана ва соати интиқол, рақами телефон, ному насаби шахси интиқолкунанда ва қабулкунанда нишон дода мешавад.

## 3. ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТ

### *а) Тартиби гардиш ва иҷрои ҳуҷҷатҳои ворида*

45. Қабул ва коркарди ибтидоии муросилоти воридаро **масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат дар** амал татбиқ менамояд.

Коркарди ибтидоии муросилоти ворида аз тафтиши дурустии ирсол ва мавҷудияти ҳуҷҷатҳо, омода намудани муросилот барои фиристодан тибқи таъйинот анҷом меёбад.

Муросилоти саҳван воридшуда тибқи таъйинот фиристода мешавад.

Ҳамаи лифофаҳо, ба истиснои муросилоти шахсӣ ва мактубҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ирсолшуда, кушода мешаванд. Дар айни ҳол беосебии лифофаҳо ва миқдори ҳуҷҷатҳои мавҷуда дар онҳо санҷида мешавад. Лифофаҳо, чун қоида, нобуд карда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар суроғаи ирсолдиҳанда ё санаи ирсол ва гирифтани ҳуҷҷатҳоро танҳо аз рӯи лифофа муқаррар намудан мумкин бошад.

Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои ворида, ҳатто агар саҳифа пурра бо матн фаро гирифта шуда бошад ҳам, ҳатман дар қисми поёнии кунҷи рости варақи якум муҳри бақайдгирӣ гузошта мешавад *(замимаи 1).* Чун қоида, ҳуҷҷатҳо дар рӯзи ворид шуданашон ба қайд гирифта мешаванд.

46. Ҳуҷҷатҳои ба қайд гирифтанашаванда, ҳуҷҷатҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ва бо қайди «шахсан» воридгардида бевосита тибқи таъйинот фиристода мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди ба қайд гирифтани онҳо дар дафтари ҳуҷҷатҳои ворида *(замимаи 2)* барои баррасӣ ба роҳбарият дастрас мешаванд.

47. Ҳуҷҷатҳо бояд дар рӯзи ворид шуданашон барои баррасӣ ба роҳбарият дастрас шаванд. Барқияҳо, факсҳо, телефонограммаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои таъҷилӣ барои баррасӣ ва иҷро дар навбати аввал дастрас мешаванд.

Агар дар ҳуҷҷатҳои воридгардида ба дигар ҳуҷҷатҳо ишора шуда бошад, дар ин сурат он ҳуҷҷатҳо дарёфт карда, якҷоя бо ҳуҷҷатҳои воридгардида ё маълумотномаи дахлдор ба роҳбарият дастрас мешаванд.

48. Натиҷаҳои баррасӣ дар амрҳои хаттӣ инъикос меёбанд, ки чун қоида, дар қисми рости болои ҳуҷҷат, ё дар дигар ҷои холӣ аз матн гузошта мешаванд. Амри хаттӣ бояд дорои нишондодҳои возеҳ ва мукаммал оид ба тартиб ва хусусияти иҷрои ҳуҷҷатҳо ва иҷрокунандагон бошад. Гузоштани амри хаттӣ дар варақи алоҳида иҷозат дода намешавад.

Ҳуҷҷатҳо бояд дар рӯзи ворид шуданашон баррасӣ шаванд.

49. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди баррасии вазир барои ба қайд гирифтани амри хаттӣ дар сутуни дахлдори дафтари муросилоти ворида ё варақаи назоратӣ ба **масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** баргардонида ва тибқи таъйинот фиристода мешаванд.

50. Шахсе, ки дар амри хаттӣ якум нишон дода шудааст, масъули иҷрои ҳуҷҷатҳо мебошад. Масъули иҷро ҳуқуқи даъват намудани шарикони иҷрокунандаро дорад.

Шарикони иҷрокунанда уҳдадоранд, ки бо дархости масъули иҷро ба ӯ тамоми маводҳои заруриро пешниҳод намоянд. Шарикони иҷрокунанда барои саривақт ва хушсифат омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо баробар масъул мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои иҷрогардида барои ба парванда дӯхтан ба он воҳидҳои сохторӣ ё кормандоне, ки парвандаҳоро аз рӯи масъалаҳои дахлдор тибқи феҳрасти парвандаҳо тартиб медиҳанд, баргардонида мешаванд.

***б) Тартиби гузариши ҳуҷҷатҳои содира ва дохилӣ дар ҷараёни омода намудани онҳо***

51. Иҷрокунанда то пешниҳоди ҳуҷҷати омодашуда барои имзо, бояд мундариҷа, дурустии ба расмият даровардани он ва мавҷудияти иловаҳоро санҷад. Хуҷҷат барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо омода шудааст, пешниҳод мешавад.

52. Ҳуҷҷатҳои аз тарафи роҳбарият имзошуда барои бақайдгирӣ дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содира, дохилӣ *(замимаи 3)* ва ирсол ба **масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат** баргардонида мешаванд.

53. Ҳуҷҷатҳо барои ирсол дар шакли пурра ба расмият даровардa супорида мешаванд. **Масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** дурустии ба расмият даровардa шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти иловаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишондодашударо санҷида, лифофаро ба расмият медарорад ва худи ҳамон рӯз ба шуъбаи алоқа месупорад.

54. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар доираи дастгоҳи идоракунӣ омода гардида, ба расмият даровардa шуда, иҷро (истифода бурда) мешаванд.

Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо баъди омода ва мувофиқакунонӣ бо кормандони дахлдори дастгоҳ барои баррасӣ ё имзо ба роҳбарият фиристода мешаванд. Баъди имзои ҳуҷҷатҳои мазкур дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содира ва дохилӣ ба қайд гирифта, барои иҷро фиристода мешаванд.

Гузоришҳо ба номи роҳбарият, маълумотнома ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти фаврӣ баъди баррасӣ ва иҷро дар парвандаи дахлдор ҷой дода мешаванд.

***в) Тартиби қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳо***

55. Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ дар ҳамаи марҳилаҳои гардиши худ бо забонхат амалӣ мешавад. Супоридани

ҳуҷҷатҳо аз як воҳиди сохторӣ ба воҳиди сохтории дигар, ё аз як корманд ба корманди дигар ҳатман тавассути **масъули дахлдор** сурат гирифта, дар дафтар ё варақаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешавад.

### *г) Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо*

56. Масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат ҳуҷҷатҳоро ба таври мутамарказ ба қайд мегирад. Ҳуҷҷатҳои дар *замимаи 4* нишондодашуда ба қайд гирифта намешаванд.

57. Ҳар як ҳуҷҷат як маротиба ба қайд гирифта мешавад. Ҳуҷҷатҳои ворида дар рӯзи ворид шуданашон, содира ва дохилӣ бошанд, дар рӯзи баимзорасӣ ба қайд гирифта мешаванд.

58. Шохиси ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ, чун қоида аз рақами тартибии бақайдгирии ҳуҷҷат ва шохиси парванда аз рӯи феҳраст иборат аст. Масалан:

**№ 14/12 аз 05. 01. 08**

**Вазорати молияи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳисоботи**
**солонаи муҳосибӣ барои соли 2015**

**Ректор** **имзо** **ному насаб**

Дар ин ҷо 14 – рақами тартибии бақайдгирӣ, 12 – шохиси парванда аз рӯи феҳраст мебошад.

59. Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ варақаҳои бақайдгирӣ истифода бурда мешаванд, ки дар ду нусха пур карда мешаванд: як нусха якҷоя бо ҳуҷҷатҳо ба иҷрокунанда супорида, нусхаи дуюм дар картотека ҷой дода мешавад. Бланкҳои бақайдгирии варақаҳо бояд дар қоғази андозааш А 5 *(замимаи 5)* омода шаванд.

Ҳуҷҷатҳо дар дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ ба қайд гирифта мешаванд.

## 4. ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ИҶРОИ ҲУҶҶАТҲО

60. Иҷрои пешниҳод, супориш ва масъалаҳои дар ҳуҷҷат ба миён гузошташуда бояд таҳти назорати доимӣ қарор дода шавад. Иҷрои

ҳуҷҷатҳои нисбатан муҳими ворида, содира ва дохилӣ бояд назорат карда шавад.

61. Назорати иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳобуда ба уҳдаи роҳбарият вогузор мебошад.

Назорати бевосита ба иҷрои ҳуҷҷатҳо ба уҳдаи масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат, назорати дохилӣ ва бойгонӣ ва сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳи вазорат гузошта мешавад.

62. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими давлатие, ки бояд иҷро карда шаванд, дархостҳо, супоришҳои мақомоти болоӣ, амру фармоишҳои вазир, қарорҳои мушовара ва қарорҳои ҷаласаҳои назоратӣ таҳти назорати махсус гирифта мешаванд.

63. Мӯҳлатҳои иҷрои ҳуҷҷатҳо намунавӣ ва фардӣ буда метавонанд.

Мӯҳлатҳои намунавии иҷро барои ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда муқаррар карда мешаванд, бояд ба назорат гирифта шаванд *(замимаи 6)*. Дар ҳолатҳои дигар мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳо, чун қоида, набояд аз 10 рӯз зиёд бошад. Вазир мӯҳлати нисбатан дарози иҷрои ҳуҷҷатҳоеро, ки аз рӯи хусусияти иҷро мураккаб мебошанд, муқаррар менамояд.

64. Агар дар ҳуҷҷати ворида мӯҳлат нишон дода шуда бошад, ки то он вақт бояд ҷавоб гирифта шавад, пас ин мӯҳлат бояд ҳатман риоя карда шавад.

65. Мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷат аз лаҳзаи ба ташкилот ворид шудани он ҳисоб карда мешавад.

66. Назорати иҷрои ҳуҷҷатҳо дар варақаҳои назоратӣ ё дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ амалӣ мешавад.

67. Ҳуҷҷат ҳамон вақт иҷрогардида ҳисобида мешавад, ки масъалаи дар он ба миён гузошташуда ҳал гардад ва ба муаллиф ҷавоби саҳеҳ дода шавад.

Агар иҷро бо ҳуҷҷат асоснок карда нашуда бошад, пас он дар худи ҳуҷҷат – дархост, дафтари бақайдгирӣ ё варақаи назоратӣ қайд карда мешавад.

68. Маълумот оид ба натиҷаи иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратшаванда аз тарафи масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат ба ҳолати то санаи 1-уми ҳар моҳ ҷамъбаст шуда, ба роҳбарият расонида мешаванд. Дар асоси таҳлил барои иҷрои саривақтии ҳуҷҷатҳо ва баланд бардоштани интизоми иҷроия, такмили ташкили назорат ва идоракунӣ дар маҷмӯъ, пешниҳод аз ҷониби масъули раёсати мазкур таҳия мешавад.

## 5. ТАРТИБ ДОДАНИ ФЕҲРИСТ ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ ПАРВАНДАҲО

### *а) Тартиб додани феҳристи парвандаҳо*

69. Ҳуҷҷатҳо баъди иҷро (истифода) дар парвандаҳои иборат аз маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мансуб ба масъалаи муайян ва дар муқоваи алоҳида дӯхташуда, гурӯҳбандӣ мешаванд.

70. Бо мақсади дуруст ба тартиб даровардани парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи фаврии ҳуҷҷатҳоро аз рӯи мазмун ва навъ таъмин мекунад, феҳрасти парвандаҳо тартиб дода мешавад, ки он рӯйхати батанзимдароварандаи номгӯи парвандаҳое мебошад, ки бо нишон додани муҳлати нигаҳдории онҳо дар коргузории ҷорӣ карда мешавад.

71. Феҳристи парвандаҳоро масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат, **шуъбаи таъмини ҳуҷҷатҳо, назорати дохилӣ ва бойгонӣ** якҷоя бо дигар кормандони дастгоҳ тартиб медиҳанд. Феҳристи парванвандаҳои тартибдодашуда бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа шуда, аз тарафи вазир тасдиқ ва аз 1 январи соли нав *(замимаи 7)* мавриди амал қарор дода мешавад.

72. Феҳристи тасдиқкардашуда дар давоми якчанд сол амал карда, дар мавриди тағйир ёфтани сохтори вазорат бояд аз нав тартиб ва тасдиқ карда шавад. Агар чунин тағйирот рӯй надиҳад, феҳристи парвандаҳо танҳо дар охири сол аниқ ва аз нав чоп карда мешавад.

73. Ба феҳристи парвандаҳо ҳама ҳуҷҷатҳое, ки дар дохили вазорат таҳия мешаванд ва ҳам аз берун ворид мегарданд, дохил карда мешаванд.

Ба феҳристи парвандаҳо нашрияҳои чопӣ, брошюраҳо, маълумотномаҳо, бюллетенҳо ва дигар нашрияҳои ба инҳо монанд ворид карда намешаванд.

74. Шохиси парвандаҳо дар феҳрист аз аломати воҳиди сохторӣ ва рақами тартибии парванда дар ҳудуди воҳиди сохторӣ ё самти фаъолият иборат аст.

75. Сарлавҳаи парвандаҳо аз рӯи муҳиммияти ҳуҷҷатҳо, ки дар парванда ташкил шудааст, дар фаслҳои дахлдори феҳрист ҷойгир карда мешавад.

76. Сарлавҳаи парванда бояд мазмун ва таркиби асосии ҳуҷҷатҳои парвандаро дар шакли возеҳ ва ҷамъбастӣ инъикос намояд.

77. Сарлавҳаи парвандаҳо оид ба масъалаҳои дар давоми сол ҳалнагардида «гузаранда буда», бо ҳамон шохис ба феҳристи парвандаҳои соли ояндаи вазорат гузаронида мешавад.

78. Агар дар давоми сол дар фаъолияти дастгоҳ соҳаҳои нави корӣ ва корҳои пешбининашудае, ки бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд, ба вуҷуд ояд,

онҳо ба таври илова ба феҳристи парвандаҳо ворид карда мешаванд. Бо ин мақсад дар ҳар як фасли феҳрист рақамҳои эҳтиётӣ гузошта мешаванд.

79. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ дар охири феҳрист оид ба миқдори парвандаҳои ташкилкардашуда, сабти ҷамъбастӣ карда мешавад *(замимаи 8)*.

80. Вазорат барои муассиса, ташкилот ва корхонаҳои тобеи худ феҳристи намунавии парвандаҳоро таҳия менамояд. Масалан: «Феҳристи намунавии парвандаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», «Феҳристи намунавии парвандаҳои марказҳои такмили ихтисоси вилоятҳо» ва ғайра.

### *б) Ташкил намудани парвандаҳо*

81. Ҳуҷҷатҳои иҷрошуда ва мутаносибан ба расмият даровардашуда гурӯҳбандӣ шуда, дар парванда ба тартиб дароварда мешаванд. Батартибдарории парвандаҳо тибқи феҳристи парвандаҳо дар воҳидҳои сохторӣ дар ҷойи иҷрои ҳуҷҷатҳо амалӣ мешавад.

82. Яке аз талаботи асосӣ нисбати батартибдарории ҳуҷҷатҳо, ин дар парвандаҳои алоҳида тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатӣ мебошад.

83. Ҳангоми батартибдарории парвандаҳо қатъӣ риоя намудани ҳаҷм ва таркиби ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар ин парванда ҷой дода шавад, зарур аст. Ба парванда ворид намудани ҳуҷҷатҳои ба он мансубнабуда, инчунин сиёҳнависҳо, вариантҳо ва нусхаҳои зиёдшуда мумкин нест. Ҳар як парванда набояд аз 250 варақ зиёд бошад.

84. Ҳуҷҷатҳо дар дохили парванда аз рӯи тартиби ҳалли масъалаҳо тибқи хронология ва шохисбандӣ ҷойгир карда мешаванд.

85. Фармоишҳо оид ба ҳайати шахсӣ аз фармоишҳо оид ба фаъолияти асосӣ ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

86. Нақша, ҳисобот ва сметаҳо аз лоиҳаҳои ин ҳуҷҷатҳо ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

87. **Ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ бо тартиби зайл ҷойгир карда мешаванд:**

- **рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаи шахсӣ мавҷуд аст;**
- **ариза дар бораи ба кор қабул кардан, роҳхат ё пешниҳод;**
- **пурсишнома, варақаи баҳисобгирии кадрҳо;**
- **ҳолнома;**
- **ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот;**
- **нусхаи фармоишҳо оид ба таъйинот, аз мансаб ба мансаби дигар гузаронидан, озод кардан.**

88. Варақаҳои шакли Т-2 аз рӯи тартиби алифбо ҷойгир карда мешаванд.

89. Мукотибот дар парванда дар давраи соли тақвимӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Дар парвандаи мукотибот ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни ҳалли масъала ташкилшуда ҷой дода мешаванд. Мукотибот бо пайдарҳамии хронологӣ мураттаб гардонида мешавад: ҷавоби ҳуҷҷат баъди ҳуҷҷати дархостӣ ҷойгир карда мешавад. Ҳангоми аз нав оғоз намудани мукотиба оид ба масъалаи муайян ҳуҷҷатҳо ба парвандаи соли ҷорӣ бо нишон додани шохиси парвандаи соли гузашта, ки дар он ҳуҷҷатҳо оид ба ин масъала нигоҳ дошта мешаванд, ворид карда мешаванд.

Мукотиба бо ташкилотҳои болоӣ аз рӯи масъалаҳои мушаххас гурӯҳбандӣ карда мешавад.

## 6. ОМОДА НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО БАРОИ НИГОҲДОРӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ МИНБАЪДА

### *а) Ташхиси арзиши илмӣ ва амалии ҳуҷҷатҳо*

90. Ташхиси арзиши ҳуҷҷатҳо ин муайян намудани аҳамияти сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар аҳамияти ҳуҷҷатҳо бо мақсади ҷудо намудани онҳо барои нигоҳдории минбаъда ё несткунӣ мебошад.

91. Ташхиси арзиши ҳуҷҷатҳо аз тарафи кормандони воҳидҳои сохторӣ, таҳти роҳбарии комиссияи ташхисии (КТ) доимоамалкунандаи вазорат амалӣ мешавад.

92. Интихоби ҳуҷҷатҳо барои соқит намудан бо санади шакли муайян ба расмият дароварда мешавад. Санадҳоро комиссияи ташхисӣ баррасӣ намуда, ба онҳо раис ва аъзои ин комиссия имзо мегузоранд ва вазир тасдиқ менамояд.

Ҳуҷҷат ва парвандаҳои ба санад воридкардашуда фақат баъди аз тарафи ташкилотҳои хадамоти бойгонии давлатӣ тасдиқ кардани рӯйхатҳои парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатии давраи дахлдор нест карда мешаванд.

### *б) Тартиб додани парвандаҳо*

93. Дар оғози сол дар ҳар як воҳиди сохторӣ тибқи феҳрасти парвандаҳо муқоваи парвандаҳои ташкилшаванда тартиб дода мешавад.

94. Тартиб додани парвандаҳо аз навиштани муқоваи парвандаҳо, ҷузъбандӣ, рақамгузории варақҳо ва таҳияи навиштаҷоти тасдиқкунанда иборат аст.

Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуддат (то 10 сол ва зиёда аз он) дар муқоваи сахт муқовабандӣ шуда, варақҳояшон рақамгузорӣ мешаванд. Дар охири парвандаҳо дар варақи алоҳида навиштаҷоти тасдиқкунанда гузошта мешавад.

Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ (то 10 соли пурра) ба таври одӣ ба расмият дароварда мешаванд: муқовабандӣ, рақамгузорӣ ва рӯйхати чунин парвандаҳо тартиб дода нашуда, баҳисобгирии онҳо аз рӯи феҳрасти парвандаҳо амалӣ мешавад.

95. Навиштаҷот дар муқоваи парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуддат бояд ба таври возеҳ ва бо ранги сиёҳи офтоббардор анҷом дода шавад.

96. Оид ба масъалаҳои мураккаби вобаста ба расмият даровардани парвандаҳое, ки бояд ба нигоҳдории давлатӣ супорида шаванд, бо бойгонии давлатии дахлдор машварат намудан зарур аст.

### *в) Ба рӯйхат гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуддат*

97. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ аз рӯи натиҷаҳои ташхиси гузаронидашудаи арзиши ҳуҷҷатҳо парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ҷудо карда мешаванд, ки бояд ба рӯйхат дохил карда шаванд *(замимаи 9)*.

98. Рӯйхат аз тарафи масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат**, назорати дохилӣ ва бойгонӣ** бо ёрии методии бойгонии давлатии дахлдор тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳои солонаи парвандаҳо бояд аз тарафи комиссияи ташхису тафтишотии (КТТ) ташкилоти хадамоти бойгонии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

99. Рӯйхатҳо ба парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ, дарозмуддат ва ҳайати шахсӣ алоҳида тартиб дода мешаванд.

100. Ҳар як парванда (ҷилд) тибқи рӯйхат рақами тартибии мустақил дорад. Парвандаҳо дар рӯйхатҳо аз рӯи феҳрасти парвандаҳо мураттаб гардонида мешаванд.

### *г) Таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳо*

101. Барои ҳифозати ҳуҷҷатҳо масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат**, назорати дохилӣ ва бойгонӣ** ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ масъул мебошанд.

Парвандаҳо аз лаҳзаи оғоз дар коргузорӣ то вақти супоридан ба бойгонии ташкилот ё соқиткунӣ, дар утоқҳои корӣ, дар ҷевонҳои пӯшидашаванда ё биноҳои маҳкамшавандаи махсус ҷудокардашуда, нигоҳ дошта мешаванд.

102. Гирифтан ва додани ҳама гуна ҳуҷҷат аз парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ манъ аст. Дар ҳолатҳои истисно (масалан, бо талаби мақомоти судӣ-тафтишотӣ) гирифтани ҳуҷҷатҳо бо иҷозати вазир, бо роҳи дар парванда ҳатман гузоштани нусхаи аслии тасдиқкардашудаи ҳуҷҷати гирифташуда ва гузоштани санад оид ба гирифтани нусхаи аслӣ ба амал бароварда мешавад.

***г) Супоридани парвандаҳо ба бойгонии ташкилот***

103. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории доимӣ ва дарозмуддат баъди як соли ба охир расидани онҳо дар коргузории воҳидҳои сохторӣ ба бойгонии вазорат супорида мешаванд. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории муваққатӣ (то 10 сол) ба бойгонӣ супориданашуда, дар воҳидҳои сохторӣ нигоҳ дошта мешаванд.

104. Бойгонии вазорат парвандаҳоро аз рӯи рӯйхат ё феҳрасти парвандаҳо қабул менамояд.

Агар парвандаҳои алоҳидаро дар коргузорӣ барои кори ҷорӣ мондан зарур бошад, он гоҳ бойгонӣ барои ба истифодаи муваққатӣ додани онҳоро ба расмият медарорад.

*Замимаи 1*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Шакли муҳри бақайдгирӣ:*

| 20 мм | Номи ташкилот<br>Сана<br>Шохис (индекс) |
|---|---|

50 мм

*Замимаи 2*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ:*

| Санаи воридшавии ҳуҷҷат | Шохиси ҳуҷҷати воридшуда | № мушаххас | Мазмуни мухтасар | Шумораи варақаҳо асосӣ/замима | Амри хаттӣ ё ба кӣ фиристода шудани ҳуҷҷат | Мулати иҷрои ҳуҷҷат | Қайд дар бораи иҷро ва рақами парвандае, ки ба он дӯхта шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

*Замимаи 3*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содира ва дохилӣ:*

| Сана ва шохиси ҳуҷҷат | Ирсолкунанда | Мазмуни мухтасар | Қайд дар бораи ҳуҷҷат ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст | Миқдори саҳифа |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

*Замимаи 4*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ба қайд гирифта намешаванд:*

1. Барқия ва мактубҳо дар бораи иҷозат додан ба сафарҳои хизматӣ ва рухсатӣ;
2. Маълумот дар бораи ҷаласаҳо, маҷлисҳои машваратӣ ва рӯзномаи маҷлис;
3. Ҷадвал, дархост, тақсимбандиҳо;
4. Нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо (нусхаҳо);
5. Огоҳномаҳои эълонӣ, плакатҳо, барномаҳои машваратӣ, конференсияҳо;
6. Номаҳои табрикотӣ ва даъватномаҳо;
7. Нашрияҳои чопӣ (китобҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳо).

*Замимаи 5*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Шакли варақаи бақайдгирӣ:*

| Ирсолкунанда | |
|---|---|
| Санаи воридшавӣ ва шохиси ҳуҷҷат | Сана ва шохиси ҳуҷҷат |
| Мазмуни мухтасар | |
| Амри хаттӣ ё ба кӣ фиристода шудани ҳуҷҷат | |
| Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат | |

Тарафи рост

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| Хазинаи № | Рӯйхати № | Парвандаи № |

Тарафи чап

*Замимаи 6*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Рӯйхати намунавии ҳуҷҷатҳо бо нишон додани мухлати иҷро:*

1. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мутобиқи мухлати дар онҳо нишондодашуда.
2. Қарор ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – мутобиқи мухлати дар онҳо нишондодашуда.
3. Дархост, ариза ва мактубҳои аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
   -мактубҳои вакилоне, ки омӯзиш ва санҷиши иловагиро талаб намекунанд, оҷилан;
   -мактуб ва дархостҳое, ки омӯзиш ва санҷиши иловагиро талаб мекунанд то як моҳ.
4. Фармоиши роҳбари ташкилот, муассиса – тибқи мухлатҳои дар он нишондодашуда.
5. Қарорҳои мақомоти машваратии ташкилоту муассисаҳо – тибқи мухлатҳои дар онҳо нишондодашуда.
6. Мактуб-дархост ва мактуб-супоришҳои мақомоти болоӣ – то 10 рӯз ё тибқи мухлатҳои дар онҳо нишондодашуда.

*Замимаи 7*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Шакли феҳристи парвандаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
феҳристи парвандаҳо
барои соли 20____

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________________________
аз _______________ соли 2015

________________________________________________________________

________________________________________________________________

(номи воҳиди сохторӣ)

| Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилдҳо, қисмҳо) | Миқдори парвандаҳо (ҷилдҳо, қисмҳо) | Муҳлати нигоҳдории парванда (ҷилд, қисм ва рақами моддаҳо аз рӯи номгӯй[1]) | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Роҳбари воҳиди сохторӣ имзо ному насаб

Сана

Имзои мудири бойгонии идоравӣ

(Шахси масъули бойгонӣ)

Маъқул дониста шуд

Протоколи КТ[2]

аз _________№_____________

Мувофиқа шуд

Протоколи КТТ

ташкилоти бойгонӣ

аз_________№__________

---

[1] Номгӯи ҳуҷҷатҳои намунавие, ки дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораҳо, дигар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо нишон додани муҳлати нигоҳдорӣ ташкил мешаванд, ки бояд ва набояд ба нигоҳдории давлатӣ барои ҳуҷҷатҳои умумӣ ва махсус супорида шаванд, ки Сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 25 июли соли 2002 тасдиқ кардааст ё номгӯи ҳуҷҷатҳои дар фаъолияти ташкилотҳои соҳа ташкилшаванда.

[2]Ниг. ба банди 92.

[3]Ниг. ба банди 99.

*Замимаи 8*

Ба «Дастурамали коргузории
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон»

*Шакли қайди ҷамъбастӣ ба феҳристи парвандаҳои*
*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

Қайди ҷамъбастӣ оид ба гурӯҳҳо ва миқдори парвандаҳое, ки дар соли 2015 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудаанд.

| Тибқи муҳлатҳои нигоҳдорӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Гузаранда | бо аломати КТТ |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | |
| | | | |

доимӣ

дарозмуддат (беш аз 10 сол) ____________________

муваққатӣ (то 10 соли пурра)____________________

ҶАМЪ:____________________

Масъули раёсати кадрҳо ва корҳои
махсус, назорати дохилӣ ва бойгонӣ  имзо  ному насаб

Сана

Маълумотҳои ҷамъбастӣ ба бойгонии идоравӣ супорида шудаанд

Номи вазифаи шахсе, ки маълумотҳоро
фиристодааст  имзо  ному насаб

Сана

*Замимаи 9*

*Шакли рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ:*

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
___________________
аз _________ соли 2015

Фонд № ________________
Рӯйхати № ______________
парвандаҳои муҳлати
нигоҳдориашон доимӣ
барои соли ______________

_______________________________________________________________________
(номи ташкилот ё воҳиди сохтории он)

| № | Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилд, қисм) | Санаи парванда (ҷилд, қисм) | Миқдори варақҳо дар парванда (ҷилд, қисм) | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Ба ин фасли рӯйхат ______________________________ парванда
(бо рақам ва ҳарфҳо)

аз № _______ то _________, аз ҷумла:
рақами литерӣ:
рақамҳои партофташуда:
ворид карда шудааст.

Номи вазифаи
тартибдиҳандаи рӯйхат имзо ному насаб

**Масъули раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсус** имзо ному насаб

Бо Пртоколи КТ ташкилот
аз ________ № ________
маъқул дониста шуд.

Бо Протоколи КТТ
ташкилоти бойгонӣ
аз______ № ______
тасдиқ шудааст.

Шинос шудам ва мувофиқ мебошам:

1. Мирбобоев Р.М. ________________________________________
2. Одинаев Б.Н. __________________________________05.05.15
3. Маҳмадова Т. Ф. ______________________________12.05.15
4. Исмонов Ф. Б. _________________________________06.05.15
5. Алиев А.Ҷ. _____________________________________04.05.15
6. Қодиров С. _____________________________________04.05.15